МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТЕСТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Китобчаи ТЕСТ 2024

**Қисми А.3**

**Варианти 3**

- ☑ Забони тоҷикӣ
- ☑ Таърих
- ☑ Адабиёти тоҷик
- ☑ Забони хориҷӣ

## ДАСТУР

Саволнома аз чор субтест иборат аст: **забони тоҷикӣ**, **таърих**, **адабиёти тоҷик** ва **забони хориҷӣ**. Субтестҳои **забони тоҷикӣ, адабиёти тоҷик** ва **забони хориҷӣ** 25 саволу масъалаи пӯшида (бо интихоби як ҷавоби дуруст ва муайян кардани мувофиқат) ва субтести **таърих** 26 саволу масъала (24-то бо интихоби як ҷавоби дуруст ва муайян кардани мувофиқат ва 2-то кушода)-ро дар бар мегиранд.

Дар **саволу масъала бо интихоби як ҷавоби дуруст** чор гуна (вариант)-и ҷавоб дода мешавад, ки танҳо яктояш дуруст аст.

> **!** *Масалан, агар Шумо варианти "B"-ро ҷавоби дурусти савол интихоб кунед, пас онро дар варақаи ҷавобҳо ин гуна ишора намоед:*
>
> **A B C D**
> ○ ● ○ ○

Дар **саволу масъала барои муайян кардани мувофиқат** ба ҳар унсури дар сутуни чап додашуда (калима, ибора, ҷумла ва ғайра) аз унсурҳои сутуни рост, ки яктоаш зиёдатист, унсури мувофиқ интихоб карда мешавад.

> **!** *Масалан, агар ба унсури "A", ба фикри Шумо, ҷавоби мувофиқ рақами 2, ба унсури "B" рақами 4, ба унсури "C" рақами 1 ва ба унсури "D" рақами 5 бошад, дар варақаи ҷавобҳо ин гуна ишора намоед:*

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| **A** | ○ | ● | ○ | ○ | ○ |
| **B** | ○ | ○ | ○ | ● | ○ |
| **C** | ● | ○ | ○ | ○ | ○ |
| **D** | ○ | ○ | ○ | ○ | ● |

Ҷавоби **саволу масъалаи кушода** рақам(ҳо) мебоша(н)д, ки дар катаки махсуси варақаи ҷавобҳо навишта мешава(н)д.

> **!** *Масалан, агар Шумо соли **1917**-ро ҷавоби дуруст ҳисоб кунед, дар варақаи ҷавобҳо ин тавр нависед:* 1 9 1 7

Барои ҷавоб додан ба саволҳо ва ҳалли масъалаҳои тест **190 дақиқа** муайян шудааст.

> **!** Пас аз шинос шудан бо дастур, ки маъмури имтиҳон хондааст, дар паси варақаи ҷавобҳо ҷумлаи ***«Бо тартиби гузаронидани имтиҳон шинос шудам»*-ро нависед** ва **имзо гузоред**.
> Дар вақти иҷрои тест **бодиққат бошед**.
> Ҷавобҳоро аввал дар китобчаи тест **ишора намоед/нависед.**
> Агар дар ҷавоб ёфтан ба ягон саволу масъала душворӣ кашед, **саросема нашавед** ва **ба ҳаяҷон наомада**, ба иҷрои тест идома диҳед. Пас аз ҷавоб гуфтан ба дигар саволу масъалаҳо ба саволу масъалаи бароятон душвор **баргардед.**

> **!** Амалҳои зерин дар рафти имтиҳон МАНЪ АСТ:
> - гуфтугӯ, ёрӣ додан, халал расонидан ба ҳамдигар ва (ё) истифода кардан аз ёрии шахсони дигар дар иҷрои саволу масъалаҳои тест;
> - иваз кардани ҷойҳо ва (ё) китобчаҳои тест, варақаҳои ҷавобҳо ва ҳар гуна навиштаҳои ҳамдигар;
> - гузоштани қайду ишораҳои ба имтиҳон дахлнадошта дар варақаи ҷавобҳо, аз ҷумла, дар ҳошияҳои он;
> - аз синфхона баровардани варақаи ҷавобҳо ва (ё) маводи дигари барои баргузории имтиҳон пешбинишуда.
>
> Дар ҳолати вайрон кардани ин талабот мутасаддиён ҳуқуқи аз имтиҳон хориҷ кардани Шуморо доранд.

### ТАРТИБИ ПУР КАРДАНИ ВАРАҚАИ ҶАВОБҲО

- пеш аз ҷавоб додан ба саволҳо ва ҳалли масъалаҳо дар варақаи ҷавобҳо **рақами варианти китобчаи тести худро ишора намоед**;
- ҷавобро дар варақаи ҷавобҳо мувофиқи тартиби пур кардани варақаи ҷавобҳо, чунонки дар боло нишон дода шуд, **ишора намоед/нависед;**
- **аз ёд набароред,** ислоҳ намудани ҷавоб дар варақаи ҷавобҳо **МУМКИН НЕСТ** – ҷавоби ба тарзи дигар ишорагардида/навишташуда ва ислоҳгардида **ба назар гирифта намешавад**;
- пеш аз супоридани варақаи ҷавобҳо бори дигар **боварӣ ҳосил намоед**, ки ҷавоби ҳамаи саволу масъалаҳо дар варақаи ҷавобҳо ишора/навишта шудааст.

> **!** Варақаи ҷавобҳо такроран дода намешавад.

***Ба Шумо комёбӣ мехоҳем!***

**1** **Дар байти зерин кадом калима ҳамсадои талаффузнашаванда дорад?**

***Касе, к-ӯ боварии халқро арзанда мегардад,***
***Ба ҳар кас дӯстрӯ, ҳар хонаро зебанда мегардад.*** М. Турсунзода

**A)** бовар
**B)** дӯстрӯ
**C)** зебанда
**D)** арзанда

**2** **Дар ибораҳои додашуда кадом калима бо ҳарфи *у* навишта мешавад, на бо *ӯ*?**

**A)** шӯхи беқарор
**B)** гуфтугӯи мардона
**C)** шӯҳрати беандоза
**D)** кӯдаки ширинзабон

**3** **Дар мақоли зерин дар калимаи *<u>орӣ</u>* ҳарфи *ӣ* чӣ вазифа дорад?**

***Чун хишт ба осиё барӣ, хок орӣ.***

**A)** бандаки изофӣ
**B)** бандаки феълӣ
**C)** бандаки хабарӣ
**D)** бандаки соҳибӣ

**4** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта ҳаммаънои калимаи *аспхона*ро гузоред:**

***Саис дар ҳавлии берун назди ... ду аспро қашав мекард.*** С. Улуғзода

**A)** охур
**B)** работ
**C)** тавила
**D)** каҳдон

**5** **Ибораро бо зидмаънои мувофиқи калимаҳои *тира, тор* пурра кунед:**

***дунёи ...***

**A)** дурахшон
**B)** тобнок
**C)** нуронӣ
**D)** равшан

**6** **Таъбири "*пой аз кор афтодан*" чӣ маъно дорад?**

**A)** хаставу бемадор шудан
**B)** маъюбу нотавон шудан
**C)** аз уҳдаи кор набаромадан
**D)** дар иҷрои коре дармондан

**7** **Ба ҷойи сенуқта ибораи фразеологии мувофиқ гузоред:**

***Раҳматҷон аз ҳарсола дида серкору серғайрат буд. Вай ... ба саҳро мерафт.***
С. Айнӣ

**A)** чашми рӯз накафида
**B)** чашмаш кушода нашуда
**C)** чашмаш ба роҳ чор шуда
**D)** чашмаш мисли мош кушода шуда

**8** **Услуби баёни матнро муайян намоед:**

***Ӯ бедор шуд. Ҳанӯз торик буду охирин ситораҳои шаби гузарон нурпошӣ доштанд. Насимаке нозуку шӯх бо баргҳои дарахти болои сараш ва гулу гиёҳи атроф дар бозӣ буд.*** Н. Қосим

**A)** расмӣ-коргузорӣ
**B)** публитсистӣ
**C)** бадеӣ
**D)** илмӣ

**9** **Исмҳои мураккабе, ки аз *ду асоси замони ҳозираи феъл* сохта шудаанд:**

**A)** гирудор, давутоз
**B)** кофтуков, пухтупаз
**C)** дидадаро, қаламтарош
**D)** додугирифт, гуфтушунид

**10** **Ҷонишинҳои номуайянӣ:**

**A)** шумо, онҳо, вай
**B)** баъзе, ягон, чандин
**C)** ҳамон, ин гуна, чунон
**D)** ҳама, ҳар ки, ҳама гуна

**11** **Ба ҷои сенуқта *сифате*ро гузоред, ки дар қолаби ⌒ ⌒ сохта шудааст:**

***Як одами ...и чашму абрусиёҳи кулӯтариши хушқадубаст буд, ки бо зебоии ҳайкали ӯ одам кам дида мешуд.*** С. Айнӣ

**A)** зебо
**B)** базеб
**C)** гандумгун
**D)** сафедчеҳра

**12** **Ба ҷойи сенуқта *шумораи миқдори*ро гузоред:**

***Дар ... бари масҷид якчанд ҳуҷраи қатор ва пастак мавҷуд аст.*** С. Улуғзода

**A)** ду
**B)** як-ду
**C)** дуюм
**D)** якуним

**13** **Дар байти зерин феъли ишорашуда дар кадом замон ифода ёфтааст?**

***Бар лаби ман шеъри ӯ бар кӯдакӣ омад ҳанӯз,***
***Шеъри ӯро нӯши ҷон бо шири модар <u>кардаам</u>.*** Б. Собир

**A)** замони гузаштаи ҳикоягии нақлӣ
**B)** замони гузаштаи ҳикоягӣ
**C)** замони гузаштаи наздик
**D)** замони гузаштаи нақлӣ

**14** **Ба ҷойи сенуқтаи аввал нидои мувофиқро гузоред:**

***... , ки борону бод будааст, вагарна... Хеле вақт мешавад, ки ба театрҳо намеоед.*** М. Солеҳ.

**A)** Аҷабо
**B)** Афсус
**C)** Дареғо
**D)** Хайрият

**15** **Ибораи *чор рӯз боз надидан* бо кадом роҳ сохта шудааст?**

**A)** алоқаи изофӣ
**B)** алоқаи ҳамроҳӣ
**C)** алоқаи вобастагии пешояндӣ
**D)** алоқаи вобастагии пасояндӣ

**16** **Ҷумлаи хуллас ба кадом гурӯҳи ҷумлаҳо дохил мешавад?**

**A)** содаи яктаркиба
**B)** содаи дутаркиба
**C)** мураккаби тобеъ
**D)** мураккаби пайваст

**17** **Аъзои чидаи ҷумлаи зеринро муайян намоед:**

***Хӯҷаинҳо дар хонаҳои сиёҳ, дар чодирҳо ва каппаҳои худ оромона мехобиданд.*** С. Айнӣ

**A)** ҳол
**B)** хабар
**C)** пуркунанда
**D)** мубтадо

**18** **Ба ҷойи сенуқта ҳоли тарзи амали мувофиқро гузоред:**

***Болу пар барорам ҳам, ... ба хонаи ҳама даромада наметавонам.*** А. Самад

**A)** нохост
**B)** якбора
**C)** ногаҳон
**D)** бемалол

**19** **Дар кадом ҷумла мухотаб истифода шудааст?**

**A)** - Рост, - гуфт бо оҳанги таассуф. С. Турсун

**B)** Бай-бай, хайрият, ки ҳақиқат ошкор шуд! С. Улуғзода

**C)** Ҷаъфар гуфт:

- Он чиро, ки ман мебинам, ту низ мебинӣ ё на?

**D)** Рӯди ман, олам дигар шуд, ту ҳамонастӣ, ҳамон... М. Турсунзода

**20** **Кадом сухан дар бораи Абдурраҳмони Ҷомист?**

**A)** абулахлоқ, паёмбари ғазал, муаллифи "Гулистон"

**B)** шоир, ҳаким ва сӯфии бузург, муаллифи "Ҳадиқа"

**C)** шоир, нависанда ва олими барҷаста, муаллифи "Ҳафт авранг"

**D)** нависанда ва адабиётшиноси маъруф, муаллифи "Лубоб-ул-албоб"

**21** **Ба ҷойи сенуқтаҳо ҷонишинҳои мувофиқро гузоред:**

**A)** ... ба зердастон набахшояд, ба ҷаври забардастон гирифтор ояд. Саъдии Шерозӣ

**B)** Надорам дареғ аз ғамат ...,
Ки меҳмони нохонда бошад азиз. Абдурраҳмони Ҷомӣ

**C)** Дари андеша бибастам, қалами ваҳм шикастам,
Ки ту зеботар ..., ки кунам васфу баёнат. Саъдии Шерозӣ

**D)** Дил биёромад ба гуфтори савоб,
... , ки ташна оромад ба об. Ҷалолиддини Балхӣ

**1)**ончунон

**2)** аз онӣ

**3)** ин қадар

**4)** ҳеҷ чиз

**5)** ҳар ки

**22** **Ба ҷойи нуқтаҳо зарфҳои мувофиқро гузоред:**

**A)** Аммо сӯфӣ ... ба саволҳо ҷавобҳои сареҳ намедод. Р. Ҷалил

**B)** Ба таклифи маъмурон зуд амал карда, ... аз беморхона баромада рафтанд. С. Айнӣ

**C)** Дар бораи бахту иқболи духтараш ... шабҳоро рӯз карда буд. Ф. Ниёзӣ

**D)** Соро ... ба Шодӣ нигоҳ кард. С. Айнӣ

**1)** бекамукост

**2)** дақиқкорона

**3)** фикркунон

**4)** маккорона

**5)** бечунучаро

**23** **Сохтори ибораҳоро муайян намоед:**

**A)** андак хӯрдагирона

**B)** нишаста хондан

**C)** ноилоҷ омадан

**D)** ин ҳама достонҳо

**1)** зарф + масдар

**2)** зарф + зарф

**3)** феъли ҳол + масдар

**4)** сифат + сифат

**5)** ҷонишин + исм

**24** **Таҳлили синтаксисии ҷумла. Аъзоҳои ҷумларо муайян намоед:**

***Раванда дар панҷ дақиқа ба пеши аспи худ расид.*** С. Айнӣ

| | |
|---|---|
| **A)** раванда | **1)** ҳол |
| **B)** ба пеши асп | **2)** хабар |
| **C)** худ | **3)** мубтадо |
| **D)** расид | **4)** пуркунанда |
| | **5)** муайянкунанда |

**25** **Маънои байтҳои зеринро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** Нахоҳӣ, ки нафрин кунанд аз пасат,<br>Наку бош, то бад нагӯяд касат.<br>Саъдии Шерозӣ | **1)** Дар дунё ҳеҷ чиз боқӣ намемонад, беҳтар аст, ки некӣ ба ёдгор монӣ. |
| **B)** Накуӣ бо бадон кардан чунин аст,<br>Ки бад кардан ба ҷони некмардон.<br>Саъдии Шерозӣ | **2)** Нек бошу некӣ кун, то аз пасат ба бадӣ ёд накунанд. |
| **C)** Набошад ҳаме неку бад пойдор,<br>Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.<br>Абулқосими Фирдавсӣ | **3)** Агар хубие карда наметавонӣ, ба касе бадӣ накун. |
| **D)** Қуввати некӣ надорӣ, бад макун,<br>Бар вуҷуди худ ситам беҳад макун.<br>Аттори Нишопурӣ | **4)** Ба шахсони бадкирдор некӣ кардан чун бадӣ кардан ба инсонҳои хуб аст. |
| | **5)** Некӣ кардан бо бадон аз хубии инсон дарак медиҳад. |

**!** **Лутфан, ба варақаи ҷавобҳо гузаронидани ҷавобҳоятонро фаромӯш накунед. Пур кардани варақаи ҷавобҳо ҳатмӣ аст.**

**1** **Сухан дар бораи кадом ёдгорӣ меравад:** ***“Ёдгории замони энеолит ва биринҷ, ки дар қисмати болооби рӯди Суғд (Зарафшон), дар ноҳияи Панҷакент кашф шуд, бо номи ... маъруф аст”*****?**

**A)** Тахти Сангин
**B)** Саразм
**C)** Карон
**D)** Саксанохур

**2** **Унвони ҳокими Марви тоисломӣ.**

**A)** шоҳ
**B)** ихшид
**C)** марзбон
**D)** кай

**3** **Кӣ ба муқобили истилогарони араб шӯриш бардошта буд?**

**A)** Бобак
**B)** Овсен
**C)** Катан
**D)** Сатибарзан

**4** **Мувофиқи ривоятҳо Ҷамшед ба кадом ҷашн асос гузоштааст?**

**A)** Сада
**B)** Тиргон
**C)** Меҳргон
**D)** Наврӯз

**5** **Кадом сулола аз рӯйи тартиби хронологӣ БАЪТАР ҳукмронӣ кардааст?**

**A)** Саффориён
**B)** Музаффариён
**C)** Сомониён
**D)** Тоҳириён

**6** **Сухан дар бораи кадом давлат меравад:** ***“Барпо гардидани дастгоҳи давлатӣ бо номи асосгузори давлат Исмоили Сомонӣ ва устувор гардидани он бо номи вазирони донишманди Насри II – Абуабдулло Муҳаммад Ҷайҳонӣ ва Абулфазл Муҳаммад ибни Убайдулло Балъамӣ алоқаманд буд”*****?**

**A)** Сомониён
**B)** Ғуриён
**C)** Саффориён
**D)** Ғазнавиён

**7** **Дар харита кадом истилогарӣ инъикос шудааст?**




**A)** туркҳои салҷуқӣ

**B)** муғулҳо

**C)** юнону мақдуниҳо

**D)** арабҳо

**8** **Шӯриши Малик Санҷар ба муқобили кӣ равона шуда буд?**

**A)** Чингизхон

**B)** Султон Санҷар

**C)** халифаҳои араб

**D)** Садрҳои Бухоро

**9** **Девонбегӣ чист?**

**A)** мансаби давлатӣ

**B)** воҳиди ченак

**C)** шакли заминдорӣ

**D)** воҳиди маъмурӣ

**10** **Сухан дар бораи кадом воқеа меравад: *“Ҳукумати амирии Бухоро қудрати бо қувваи худ бартараф намудани хунрезии мазҳабии байни бухориён ва эрониёнро надошт. Бинобар ин ба шаҳр як дастаи аскарони рус бо сарварии Лилиентал дохил шуда, ба хунрезӣ хотима доданд”*?**

**A)** исёни Абдумаликтӯра

**B)** “Исёни вабо”

**C)** фоҷиаи суннимазҳабон ва шиамазҳабон

**D)** пахши шӯриши Пӯлодхон дар Қӯқанд

**11** **Ташкили артелҳо ба давраи амалӣ намудани кадом сиёсат хос буд?**

**A)** коммунизми ҳарбӣ
**B)** инқилоби маданӣ
**C)** бозсозӣ
**D)** коллективонӣ

**12** **Кадом воқеа 14-уми октябри соли 1924 ба амал омада буд?**

**A)** Қарор “Дар бораи тақсимоти миллии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна” тасдиқ шуд.
**B)** Қарори Анҷумани I муассисони умумибухороӣ дар бораи ташкил ёфтани Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро қабул гардид.
**C)** Қарори дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон ташкил додани Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон қабул гардид.
**D)** Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба ҳайати ИҶШС дохил шуд.

**13** **Сухан дар бораи кадом ҷанг меравад: *“9-уми май ..., ки 46 моҳу 13 рӯз, ё 1418 рӯз давом кард, бо ғалабаи пурраи халқи шуравӣ анҷом ёфт. Ҷанг дар қитъаи Аврупо ҳам ба охир расид. 24-уми июни соли 1945 дар Майдони сурхи Москва Паради Ғалаба доир гашт”*?**

**A)** Ҷанги Қрим
**B)** ҷанги байни ИҶШС ва Финландия
**C)** Ҷанги дуюми ҷаҳон
**D)** Ҷанги Бузурги Ватанӣ

**14** **Сухан дар бораи кадом созмон меравад: “*8-уми декабри соли 1991 дар Беловежск сарварони Русия Б. Н. Елтсин, Белорус С. С. Шушкевич ва Украина Л. М. Кравчук ҷамъ омада, дар бораи таъсиси ... созишнома имзо карданд*”?**

**A)** Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил
**B)** Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ
**C)** Созмони Ҳамкориҳои Шанхай
**D)** Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо

**15** **Ба Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Исмоили Сомонӣ мукофотонида мешаванд ...**

**A)** танҳо олимони ҷавон, ки дар соҳаи илму техника навоварӣ мекунанд.
**B)** олимоне, ки дастовардҳои наззарас дар соҳаи илму техника доранд.
**C)** ҳарбиёне, ки шуҷоату мардонагӣ дар ҳифзи марзу буми ватан нишон медиҳанд.
**D)** олимоне, ки дастовардҳои назаррас дар соҳаи адабиёт, санъат ва меъморӣ доранд.

**16** **Дар расм кадом навъи иншооти меъморӣ тасвир шудааст?**



**A)** аҳром
**B)** девори муҳофизатӣ
**C)** кушки шоҳнишин
**D)** қалъа

**17** **Таъсиси “Маҳфили иҷтимоӣ” аз ҷониби Клод Фоше ба кадом воқеа марбут аст?**

**A)** Ҳаракати Декабристон дар Русия
**B)** ҳаракати истиқлолиятхоҳӣ дар Амрикои Шимолӣ
**C)** Инқилоби буржуазии Англия
**D)** Инқилоби Бузурги буржуазӣ дар Фаронса

**18** **Вудро Вилсон сардори кадом давлат буд?**

**A)** ИМА
**B)** Олмон
**C)** Британияи Кабир
**D)** Фаронса

**19** **Пайомади “инқилоби фарҳангӣ” дар Ҷумҳурии Мардумии Чин.**

**A)** Ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ афзоиш ёфт.
**B)** Мухолифони ҳукумат саркӯб гардиданд.
**C)** Кишвар сарвари “ҷаҳони сеюм” гардид.
**D)** Мао Сзедун аз вазифа озод карда шуд.

**20** **“Масъалаи Уотергейт” сабаби ба истеъфо рафтани кадом президенти ИМА гардид?**

**A)** Билл Клинтон
**B)** Ричард Никсон
**C)** Ҷералд Форд
**D)** Ҷон Кеннеди

**21** **Мувофиқатро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** суюрғол | **1)** андоз аз маҳсулоти замин |
| **B)** бегорӣ | **2)** шакли заминдорӣ |
| **C)** хироҷ | **3)** навъи маҷбурият |
| **D)** туман | **4)** маҷмуи қонунҳои муғулҳо |
| | **5)** воҳиди маъмурӣ |

**22** **Мувофиқати муаллиф ва асарро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** Сайфии Ҳиравӣ | **1)** “Шоҳнома” |
| **B)** Мирхонд | **2)** “Равзат-ус-сафо” |
| **C)** Абулқосим Фирдавсӣ | **3)** “Таърихномаи Ҳирот” |
| **D)** Ибни Асир | **4)** “Ҳабиб-ус-сияр” |
| | **5)** “Таърихи Комил” |

**23** **Мувофиқати воқеа ва солро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** муҳорибаи Чӯпонато | **1)** 1892 |
| **B)** “Исёни вабо” | **2)** 1886 |
| **C)** забти Хева аз ҷониби Нодиршоҳ | **3)** 1868 |
| **D)** таъсиси Агентии сиёсии императории Русия дар Бухоро | **4)** 1740 |
| | **5)** 1870 |

| 24 | **Мувоқати шахс ва мансабро муайян намоед:** |
|---|---|

| | |
|---|---|
| **A)** Какуэй Танака | **1)** шоҳи Эрон |
| **B)** Мустафо Камол Отатурк | **2)** сарвазири Япония |
| **C)** Хо Ши Мин | **3)** бунёдгузори Ҷумҳурии Туркия |
| **D)** Ҷамол Абдунносир | **4)** президенти Миср |
| | **5)** президенти Ветнам |

| 25 | ***“Шоҳмурод барои муҳофизати расму ойин мансаби ...-ро ҷорӣ сохт, ки ӯ мебоист тамоми фармудаҳои шариатро назорат мекард (рафтан ба масҷид, рӯза доштан, тарозу ва г.)”.*** |
|---|---|




**Мансабе, ки дар матн сухан дар бораваш меравад, дар ҷадвал бо кадом рақам ишора шудааст?**

| 26 | **Истилоҳоти аҳди давлати Руси асримиёнагиро муайян намоед.** |
|---|---|

**1.** княз
**2.** самурай
**3.** баршина
**4.** ритсар
**5.** вече

**Дар ҷадвал 3 рақами ҷавобҳои дурустро мувофиқи пайдарҳамӣ нависед.**

| ! | **Лутфан, ба варақаи ҷавобҳо гузаронидани ҷавобҳоятонро фаромӯш накунед. Пур кардани варақаи ҷавобҳо ҳатмӣ аст.** |
|---|---|

**1** **Дар кадом жанри адабиёти шифоҳӣ ҳангоми сифат кардан ё васфи ягон чиз номи он пинҳон дошта мешавад?**

**A)** суруд
**B)** мақол
**C)** рубоӣ
**D)** чистон

**2** **Вобаста ба ин рубоӣ аз адабиёти шифоҳӣ кадом ҷумла дуруст аст?**

***Аз хона баромадам, чашмам ба нам аст,***
***Чашмам ба нам асту дилакам пуралам аст.***
***Мардум меган: “Дар дили ту чӣ алам аст?”***
***Ин доғи мусофирӣ гирдоби ғам аст.***

**A)** Дар ин шеър тасвири ҳолу рӯзи шахси ошиқ дида мешавад.
**B)** Сахтиҳои зиндагӣ ва эҳсосоти инсони ғариб тасвир шудааст.
**C)** Аз душвории рӯзгори ҳунармандон дар гузашта нақл мекунад.
**D)** Борони бисёр заминҳои корами кишоварзонро хароб кардааст.

**3** **Зуҳури адабиёти тоҷик дар қолаби забони арабӣ хоси кадом давраи адабиёт аст?**

**A)** охири асри X
**B)** аввали асри XV
**C)** асрҳои VIII ва IX
**D)** асрҳои XII ва XIII

**4** **Намунаи барҷастаи асари насрӣ дар асрҳои XIII-XIV.**

**A)** “Тӯтинома”-и Зиёуддини Нахшабӣ
**B)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус
**C)** “Шарафномаи шоҳӣ”-и Ҳофизи Таниш
**D)** “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ

**5** **Кадом сухан ба санъати бадеии “талмеҳ” дахл дорад?**

**A)** монанд кардани чизе ба чизи дигар
**B)** овардани калимаҳои ҳамвазн дар наср
**C)** ишора ва нигоҳи сабук ба сӯи чизе
**D)** васфи чизе беш аз ҳадду андоза

**6** **Дар байт асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Нилуфари кабуд нигаҳ кун миёни об***
***Чун теғи обдодаву ёқути обдор,***
***Ҳамранги осмону ба кирдори осмон,***
***Зардиш дар миёна чу моҳи даҳу чаҳор.*** Кисоии Марвазӣ

**A)** талмеҳ
**B)** тавсиф
**C)** истиора
**D)** ташбеҳ

**7** **Кадом бахши “Шоҳнома”-и Фирдавсиро “давраи таърихӣ” мегӯянд?**

**A)** аз қиёми Кова то марги Рустам
**B)** аз шикасту марги Дорои Каёнӣ то охир
**C)** аз подшоҳии Каюмарс то подшоҳии Фаридун
**D)** аз подшоҳии Хусрави Парвиз то марги Яздгирд

**8** **Мувофиқи таълимоти Зардушт Аҳурамаздо**

**A)** нахустин шоҳи силсилаи Пешдодиён, ки додгар буд.
**B)** фариштаи обҳои равон ва заминҳои корам, ёвари кишоварзон аст.
**C)** ду менуи ҳамзод ва оғозини офаринишанд, ки бо ҳам созиш надоранд.
**D)** офаридгори ягона ва роҳнамои офаридагон ба растагорӣ ва беҳрӯзист.

**9** **Дар байт калимаи “кавкаб” чӣ маънӣ дорад?**

***Офтоби хоксорӣ гаштаем,***
***Нақши по кавкаб, замин гардуни мо.*** Шавкати Бухороӣ

**A)** ситора
**B)** бисёр
**C)** нардбон
**D)** баробар

**10** **Вобаста ба байти зерини Абуҳафси Суғдӣ кадом сухан дуруст аст?**

***Оҳуи кӯҳӣ дар дашт чӣ гуна давадо,***
***Ӯ надорад ёр, бе ёр чӣ гуна бувадо?!***

**A)** Алаф хӯрдан ва давидани оҳу дар саҳро тасвир шудааст.
**B)** Шоир аз дидани оҳуи кӯҳӣ дар дашт ифтихор кардааст.
**C)** Ҳолати сахти дурӣ аз ёрро барҷаста бозтоб додааст.
**D)** Шоир зебоии ёрашро ба оҳуи кӯҳӣ монанд кардааст.

**11** **Аз рӯи мазмуни матн муайян кунед, ки он аз кадом асар аст?**

***Ва зинҳор, эй писар, ки ранҷи дили падару модар нахоҳӣ ва хор надорӣ... Ҳаққи падару модар агар аз рӯйи дин нанигарӣ, аз рӯйи хирад ва мардумӣ бинигар.***

**A)** “Зафарнома”-и Абуалӣ ибни Сино
**B)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ
**C)** “Дастур-ул-мулук”-и Самандархоҷаи Тирмизӣ
**D)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

**12** **Кадом шарҳ ба байти Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мувофиқ аст?**

***Шуд он замона, ки шеъраш ҳама ҷаҳон бинвишт,***
***Шуд он замона, ки ӯ шоири Хуросон буд.***

**A)** Рӯдакӣ ба Абулфазли Балъамии вазир ишора карда, шуҳратёр будани ӯро дар тамоми Хуросон таъкид мекунад.
**B)** Манзури Рӯдакӣ Дақиқӣ аст, ки бо асари “Гуштоспнома”-аш дар Ироқу Хуросон машҳур ва маъруф шуда буд.
**C)** Рӯдакӣ худро дар назар дорад ва аз шуҳрату овозаи даврони ҷавониаш бо ифтихор сухан мегӯяд.
**D)** Шоир аз шуҳрату овозаи Абуиброҳими Мунтасир сухан ронда, ба табъи шоирӣ доштани ӯ ишора мекунад.

**13** **Мавзуи байт чист?**

***Тавозуъ сари рифъат афрозадат,***
***Такаббур ба хок-андар андозадат.*** Саъдии Шерозӣ

**A)** саховат ва дасткушодӣ

**B)** ҷавонмардӣ ва авфи хато

**C)** муҳаббат ва дӯстӣ

**D)** хоксорӣ ва фурутанӣ

**14** **Гуштосп бар ивази тоҷу тахт ба Исфандиёр чӣ шарт гузошта буд?**

***Супорам туро ганҷу тахту кулоҳ,***
***Нишонам-т бо оҷ дар пешгоҳ ... .***
***Агар тахт хоҳӣ ҳаме бо кулоҳ,***
***Раҳи Систон гиру баркаш сипоҳ.*** Абулқосими Фирдавсӣ

**A)** гирифтани кини бобояш Луҳросп аз Арҷосп

**B)** рафтан ба ҷанги Рустам ва ба банд овардани ӯ

**C)** раҳонидани хоҳарони Гуштосп аз банди Арҷосп

**D)** фиристодани Башутан ва Баҳман ба ҷанги Рустам

**15** **Идомаи мантиқии мисраи Ҷалолиддини Балхиро муайян кунед:**

***Биё, то қадри якдигар бидонем,***
**.......................................................**

**A)** Ғаразҳоро чаро аз дил наронем?

**B)** Ки то ногаҳ зи якдигар намонем.

**C)** Сагӣ бигзор мо ҳам мардумонем.

**D)** Даме то шод дар рӯи ҷаҳонем.

**16** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муаллифи онро муайян кунед:**

***Духтари ҳиндӣ адолатхоҳ шуд,***
***Аз баду неки ҷаҳон огоҳ шуд.***
***Ҷустуҷӯ мекард он инсофро,***
***Осмони софи кӯҳи Қофро.***

**A)** Абулқосим Лоҳутӣ

**B)** Ҳабиб Юсуфӣ

**C)** Мирзо Турсунзода

**D)** Пайрав Сулаймонӣ

**17** **Нақибхони Туғрал дар як ғазали худ мақоми кадом адиби гузаштаро “аз фалак баланд” дониста, “касеро дар ҷаҳон ҳамто”-и ӯ надидааст?**

**A)** Саъдии Шерозӣ

**B)** Абдулқодири Бедил

**C)** Шамсиддини Шоҳин

**D)** Камоли Хуҷандӣ

**18** **Ин ҷумлаҳо дар бораи кадом асаранд?**

***Мавзуи асар зиндагии иҷтимоии мардуми тоҷик ва масъалаҳои асосии он моҷарои хонадорӣ ва тақдири фарзанд дар хонадон мебошад. Сужети асар аз шинос шудани Нозимии рӯзноманигор ва нависанда бо духтари ҷавон – Мушарраф оғоз меёбад.***

**A)** “Санг дар бағал ба тӯфон”-и Саттор Турсун

**B)** “Ситораҳои сари танӯр”-и Сайф Раҳимзоди Афардӣ

**C)** “Дар орзуи падар”-и Кароматуллоҳи Мирзо

**D)** “Ман гунаҳкорам”-и Ҷалол Икромӣ

**19** **Шарҳи дурусти байти Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртиро интихоб кунед:**

***Ҷаҳони санъатам, дар баҳри маънӣ гавҳарэҷодам,***
***Вале ҳамчун садаф, Ҳоҷӣ, надонам худситоиро.***

**A)** Дар олами санъаткорӣ мисли садаф медурахшам ва пур аз гавҳари эҷод ҳастам.

**B)** Дар олами шоирӣ мисли садафе ҳастам, ки ҳеч кас қадру қиматашро намедонад.

**C)** Мехоҳам, ки бемислу монанд будани маро дар шоирӣ дигарон ситоиш кунанд.

**D)** Ҳарчанд истеъдоду ҳунар дорам, аммо ситоиши худро лоиқ намедонам.

**20** **Шарҳи муносиби байти Тошхоҷа Асириро интихоб кунед:**

***Мадеҳ бо аблаҳон дарси қавофӣ,***
***Нашояд уштуронро шоҳибофӣ.***

**A)** Ба одамҳои нодон ёд додани чизе беҳуда талаф кардани умр аст.

**B)** Ба ҳайвонҳои борбардор набояд чизҳои гаронарзишро бор кунем.

**C)** Омӯхтани дарси арӯзу қофия барои ҳамаи инсонҳои оқил ҳатмист.

**D)** Бояд бо касе баҳсу ҷадал накунем ва аз паси зиндагии худ бошем.

**21** **Жанри асарҳоро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Баҳория”-и Фаррухии Систонӣ | **1)** қасида |
| **B)** “Гаршоспнома”-и Асадии Тӯсӣ | **2)** ҳикоя |
| **C)** “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ | **3)** тазкира |
| **D)** “Лубоб-ул-албоб”-и Муҳаммад Авфӣ | **4)** достон |
| | **5)** ёддошт |

**22** **Муайян кунед, ки сухан дар бораи кадом адиб аст?**

| | |
|---|---|
| **A)** Ӯро “лисон-ул-ғайб” мегӯянд. Девони ғазалҳояш машҳур аст. | **1)** Абдурраҳмони Ҷомӣ |
| **B)** Дар ноҳияи атрофи Ҳирот ба дунё омадааст. Асари “Ҳафт авранг” аз ӯст. | **2)** Алишери Навоӣ |
| **C)** Адиб баъди ноороми дар зодгоҳаш ба Мовароуннаҳр муҳоҷират кардааст ва воқеаҳои ҷолиби сафарашро навиштааст. | **3)** Ҳофизи Шерозӣ |
| **D)** Ин адиб аз зумраи шоиронест, ки ба ду забон шеър гуфтаанд. Аз амалдорони дарбори Ҳусайни Бойқаро буд. | **4)** Ҳусайн Воизи Кошифӣ |
| | **5)** Зайниддин Маҳмуди Восифӣ |

**23** **Муайян кунед, ки Зиёуддини Нахшабӣ дар байтҳои зерин ба кадом масъалаҳо ишорат кардааст:**

**A)** Нахшабӣ, зулм бадтарин чиз аст,
Аз ситам синаҳо кабоб шавад.

**B)** Нахшабӣ, нест бе ҷазо амале,
Чанд бошӣ ту дар ризои бадӣ?!

**C)** Ҳар ки бо хонае кунад зулме,
Хонааш оқибат хароб шавад.

**D)** Ҳар ки бад мекунад, ҳамеёбад
Ҳам ба дунёи дун ҷазои бадӣ.

**1)** Ҳар кори хубу баде подоши шоистаи худро дорад.

**2)** Муҷозоти кори зишт дар ҳамин олам дода мешавад.

**3)** Дӯстию рафоқат боиси ободии зиндагӣ ва ризои хотир мегардад.

**4)** Ҳар касе зиндагии дигаронро вайрон мекунад, зиндагиаш обод намемонад.

**5)** Манфуртарин кори дунё ситамгорист.

**24** **Мавзуи шеърҳои Пайрав Сулаймониро муайян кунед:**

**A)** “Фироқнома”

**B)** “Асира ё худ исён”

**C)** “Ба тахтнишин”

**D)** “Тахти хунин”

**1)** рӯзгори занон ва мавқеи иҷтимоии онҳо

**2)** мазаммати зулму истибдод ва поймолкунандагони ҳуқуқи инсон

**3)** манзараҳои истибдоди охирин амири Бухоро

**4)** васфи маҳбуба ва тасвири ҳолати ногувори ошиқ

**5)** ёди рӯзгори гузашта ва даврони зебои ҷавонӣ

**25** **Сухан дар бораи кадом симои романи “Шӯроб”-и Раҳим Ҷалил меравад:**

**A)** Марди тақрибан шастсола, миёнақад, ҷисман ғафсу ботинан пуч аст. Ӯ типи роҳбарони муфтхӯру бадахлоқ, бевиҷдону фиребгар аст.

**B)** Дар образи ӯ беҳтарин хислатҳои мардони заҳматкаши тоҷик тасвир шудааст. Меҳнатдӯстӣ ва хушзеҳниаш ҳанӯз аз давраи кӯдакияш аён мегардад.

**C)** Муносибату муомилаи ӯ ба оилаи осиёбони бадахшонӣ ва кормандони кон, оҳу афсӯсаш аз вафоти бемаҳали яке аз беҳтарин ҳамкоронаш ӯро ҳамчун инсони комил ва хайрхоҳ нишон медиҳад.

**D)** Симои аз ҳама намоён ва хотирмон аст. Ӯ аввал чун шахси майзада ва бесару сомон тасвир ёфтааст, вале оҳиста-оҳиста хислати ӯ тағйир меёбад ва ҳамчун муаллими коргарони ҷавон шуҳрат меёбад.

**1)** Пётр

**2)** Александров

**3)** Идрисенко

**4)** Хол

**5)** Давлат

**!** **Лутфан, ба варақаи ҷавобҳо гузаронидани ҷавобҳоятонро фаромӯш накунед. Пур кардани варақаи ҷавобҳо ҳатмӣ аст.**

**Read the text and choose the right answer 1-8.**

**Dinosaur Footprints**

Tourists discovered dinosaur footprints in the Dinosaur Valley Park in Texas.

Park officials said that the footprints could be over 113 million years old, and they could be the longest dinosaur track in North America. Many footprints in the park became visible and invisible again. It depended on weather and the water in the rivers. The Paluxy River shrank because it rained very little in previous months. Thanks to this, people could see footprints which were usually at the bottom of the river.

The footprints were under layers of sediment and other material for more than 20 years. For a few days, people could see and touch them.

Then, they disappeared underwater again.

**1** **… of the Dinosaur Valley Park discovered dinosaur footprints there.**

**A)** Citizens
**B)** Visitors
**C)** Villagers
**D)** Officials

**2** **Dinosaur Valley Park is a (an) … of the USA.**

**A)** center of Texas
**B)** natural reserve
**C)** African safari
**D)** Paluxy River

**3** **According to experts, dinosaur footprints could be over one … million years old.**

**A)** hundred thirteen
**B)** thousand thirty
**C)** hundred thirty
**D)** thousand thirteen

**4** **The … belonged to the longest dinosaur in North America.**

**A)** tracks
**B)** water
**C)** skeleton
**D)** parks

**5** **When the river water had … people saw dinosaur footprints in the rivers.**

**A)** increased
**B)** started
**C)** decreased
**D)** appeared

**6** **The footprints were under thick layer of river …**

**A)** water
**B)** soil
**C)** stones
**D)** fish

**7** **When the river had been … the footprints disappeared.**

A) filled with water
B) suspended
C) dried up
D) flooded

**8** **The story is about (the) …**

A) discovery in the Texas Park
B) river in North America
C) disappearing of park officials
D) tourists in the Dinosaur Park

**Read the text and choose the right answer 9-16.**

**Man in Ice**

An __**9**__ extreme athlete broke his own record when he spent __**10**__ than 2 hours __**11**__ a box of ice. Josef Koeberl´s record from last year __**12**__ 2 hours, 8 minutes, and 47 seconds, and __**13**__ new record is 2 hours, 30 minutes, and 57 seconds.

__**14**__ event took place at the town square of Melk, Austria. Organizers filled a custom-made glass box with more __**15**__ 440 pounds of ice, and Koeberl stepped in. He __**16**__ only swim trunks, and the ice reached up to his shoulders.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9 | A) Australians | B) Australia | C) Australian | D) Australia´s |
| 10 | A) much | B) more | C) most | D) many |
| 11 | A) on | B) at | C) in | D) of |
| 12 | A) are | B) is | C) was | D) were |
| 13 | A) his | B) he | C) him | D) himself |
| 14 | A) The | B) - | C) A | D) An |
| 15 | A) then | B) than | C) that | D) what |
| 16 | A) wear | B) worn | C) wears | D) wore |

**17** **Jamshed … for a company that makes furniture.**

A) working
B) works
C) work
D) have worked

**18** **Virtual reality can bring you …**

A) however
B) whenever
C) whatever
D) anywhere

**19** **The … common cause of a sore throat is a viral infection.**

A) much
B) more
C) most
D) many

**20** **If people drove more carefully, there would be fewer …**

**A)** celebrations
**B)** triumphs
**C)** accidents
**D)** picnics

**21** **Match the words in Column A with the definitions in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** to sink | **1)** to go down below the surface of water |
| **B)** to manage | **2)** to have control of |
| **C)** to vanish | **3)** to disappear |
| **D)** to insist | **4)** to demand someone do something |
| | **5)** to steal something |

**22** **Match the words in Column A with the definitions in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** chin | **1)** either of the bone structures containing the teeth |
| **B)** jaw | **2)** organ of hearing |
| **C)** cheek | **3)** either part of the face below the eyes |
| **D)** forehead | **4)** part of the face below the mouth |
| | **5)** part of the face above the eyes |

**23** **Match the sentences in Column A with their continuations in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** Gasoline is the most | **1)** common transportation fuel. |
| **B)** Natural gas is extracted by drilling | **2)** is a gravitational pull. |
| **C)** Hydroelectric energy | **3)** is produced with moving water. |
| **D)** Oil production is | **4)** a complex and multistage process. |
| | **5)** vertically from the Earth´s surface. |

**24** **Match the sentences in Column A with the replies in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** That´s natural. You missed so many lessons. | **1)** Yes, I did. Could you help me, please? |
| **B)** Show me where have you done the mistakes. | **2)** I´m really happy to hear it. |
| **C)** I am always ready to help you. | **3)** My spelling is very well. |
| **D)** How did you find your last test in English? | **4)** Oh! Here they are. |
| | **5)** Rather difficult. I made a lot of mistakes. |

**25** **Match the words in Column A with the synonyms in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** style | **1)** cause |
| **B)** behavior | **2)** conduct |
| **C)** reason | **3)** aspect |
| **D)** character | **4)** personality |
| | **5)** manner |

**Lesen Sie bitte den Text. Wählen Sie danach die richtige Antwort aus 1 – 8.**

**Der Feuerwehrhund**

In einer Stadt brannte eines Tages ein Haus. Die Feuerwehr kam. Niemand konnte mehr ins Haus hinein. Eine Frau wollte in ihre Wohnung hinauf. Die Feuerwehrleute hielten sie zurück. Sie dachte nur an ihr dreijähriges Kind. Es war noch oben im Zimmer. Die Frau wandte sich an alle und bat um Hilfe.

Die Feuerwehrleute holten ihren Hund Rex. Rex lief in die Wohnung hinauf. Nach fünf Minuten brachte er das Kind. Er hielt es mit den Zähnen am Kleidchen.

Die Frau war überglücklich. Sie dankte den Feuerwehrleuten, aber sie wusste nicht wie sie dem Hund danken kann. Danach lief der Hund noch einmal ins Haus und brachte etwas heraus. In der Schnauze hielt er die Lieblingspupe des Kindes.

Von diesem Tag an kannte alle den Feuerwehrhund Rex. Er wurde berühmt.

**1** **Was passierte in einer Stadt?**

**A)** ein Krieg
**B)** ein Hausbrand
**C)** eine Hochzeit
**D)** nichts Besonderes

**2** **… konnte mehr ins Haus hinein.**

**A)** Zwei Feuerwehrmänner
**B)** Keiner
**C)** Die Besitzerin des Hauses
**D)** Eine tapfere Passantin

**3** **Wer blieb während des Hausbrandes in der Wohnung?**

**A)** ein 3-jähriges Kind
**B)** niemand
**C)** ein 5-jähriges Mädchen
**D)** keiner

**4** **Der Hund …in die Wohnung hinauf.**

**A)** rannte
**B)** schwamm
**C)** kroch
**D)** robbte

**5** **Der Hund trug … .**

**A)** eine Katze
**B)** ein Bild
**C)** ein Spielzeug
**D)** ein interessantes Buch

**6** **Die Besitzerin des Hauses war den Feuerwehrmännern… .**

**A)** enttäuscht
**B)** dankbar
**C)** hoffnungslos
**D)** undankbar

**7** **Der Feuerwehrhund Rex wurde … .**

**A)** beliebt
**B)** gefuttert
**C)** unbekannt
**D)** pensioniert

**8** **Worum geht es in diesem Text?**

**A)** um die Heldentat eines Feuerwehrhundes
**B)** um die Tapferkeit einer Passantin
**C)** um eine ungewöhnliche Nachbarin
**D)** um einen Hausbrand in einer großen Stadt

**Lesen Sie bitte den Text. Wählen Sie danach die richtige Antwort aus 9 – 16.**

**Der Mäher Ismat**

Saodat hatte jedem Mitglied der Gruppe __**9**__ bestimmtes Arbeitsfeld zugeteilt. Jeder hat sein Feld gemäht außer Ismat. Er war nicht einmal mit der Hälfte __**10**__ Feldes fertig. __**11**__ dem Abendbrot haben die Schüler mit Ismat gescherzt.

„Heute hat Ismat viel Flöte gespielt und geschwitzt“, sagte einer. „Ja, ich weiß nicht, wer diesem Armen hilft“, fuhr Saodat fort. „Macht nichts, wir Mädchen helfen ihm“, sagte Sanawbar. „O, seit wann gehört __**12**__ Recke zu eurem Geschlecht?“ fragte Muhiddin. Dieser Scherz traf Ismat. Bald schliefen die Schüler.

Früh am Morgen rief Mirso: „Ismat ist fortgelaufen! __**13**__ ist nicht in seinem Bett!“ __**14**__ Schüler waren unruhig. So __**15**__ sie zur Mahd. Da rief Mirzo wieder: „Kinder, kommt her! Seht, was Ismat gemacht hat!“ Und was sahen die Schüler? Ismat hat seine __**16**__ Norm geschafft und alles gemäht.

„Das ist eine Heldentat!“, sagte Saodat.

(Saifullojew Ch. Deutsch 9)

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9 | **A)** einem | **B)** eine | **C)** ein | **D)** einen |
| 10 | **A)** seinem | **B)** seines | **C)** sein | **D)** seine |
| 11 | **A)** Beim | **B)** Ins | **C)** Nach | **D)** Aufs |
| 12 | **A)** diesen | **B)** dieses | **C)** dieser | **D)** diese |
| 13 | **A)** Er | **B)** Wir | **C)** Du | **D)** Ich |
| 14 | **A)** Die | **B)** Dem | **C)** Des | **D)** Das |
| 15 | **A)** gingst | **B)** gingen | **C)** gehe | **D)** gehst |
| 16 | **A)** zweitägiges | **B)** zweitägigem | **C)** zweitägiger | **D)** zweitägige |

**17** **Meine Freundin kauft … in einem Möbelhaus.**

**A)** ein Glas Tee
**B)** die Stühle
**C)** die Kugelschreiber
**D)** ein Kilo Mandarin

**18** **Ich gehe in die Bibliothek, denn ich brauche … .**

**A)** eine Jacke
**B)** ein Kilo Apfel
**C)** ein Glas Saft
**D)** ein Wörterbuch

**19** **Die Bücher, die ich lese, … sehr interessant.**

**A)** ist
**B)** bist
**C)** sind
**D)** seid

**20** **… komme heute nicht zu dir, denn ich habe keine Zeit.**

**A)** Wir
**B)** Er
**C)** Ich
**D)** Du

**21** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

| | |
|---|---|
| **A)** Fahrer | **1)** Person, die ein Fahrzeug fährt |
| **B)** Handwerker | **2)** jemand, der beruflich ein Handwerk betreibt |
| **C)** Journalist | **3)** jemand, der bei der Zeitung arbeitet |
| **D)** Tierärztin | **4)** Ärztin für Tiere; Veterinärin |
| | **5)** Person, die beruflich Pflanzen züchtet |

**22** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

| | |
|---|---|
| **A)** Die Politologin, die | **1)** jetzt spricht, ist ein berühmter Nobelpreisträger. |
| **B)** Der Mathematiker, der | **2)** ihr heute gesehen habt, sind eure Schulfreunde. |
| **C)** Der Mann, dessen | **3)** Vater alle kennen, ist der Direktor. |
| **D)** Die Frau, deren | **4)** hier arbeitet, ist unsere Nachbarin. |
| | **5)** Mann alle kennen, ist unsere Sekretärin. |

**23** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

| | |
|---|---|
| **A)** Wie viele Blumen hat ein Strauß? | **1)** Immer eine ungerade Zahl. |
| **B)** Wo kann man hier Blumen kaufen? | **2)** Vom Montag bis Freitag. |
| **C)** Wie teuer ist ein großer Blumenstrauß? | **3)** 159,95 Euro. |
| **D)** Was sind deine Lieblingsblumen? | **4)** Chrysanthemen und Lilien. |
| | **5)** Im Blumenladen. |

**24** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

| | |
|---|---|
| **A)** Wieso musst | **1)** du jetzt schon nach Hause? |
| **B)** Ich nehme den | **2)** aus Hamburg kommt, heißt Dino. |
| **C)** Das Kind, das | **3)** geht er schon auf diese Insel? |
| **D)** Susanne geht ins | **4)** Computer mit, den ich schon vor neun Jahren gekauft habe. |
| | **5)** Reisebüro, weil sie eine Reise buchen will. |

**25** **Was passt? Finden Sie Wörter mit ähnlicher oder gleicher Bedeutung.**

| | |
|---|---|
| **A)** Managerin | **1)** Pharmazeutin |
| **B)** Poetin | **2)** Lyrikerin |
| **C)** Apothekerin | **3)** Baukünstlerin |
| **D)** Athletin | **4)** Sportlerin |
| | **5)** Direktorin |

**Lisez le texte et choisissez une bonne réponse 1-8.**

**Ferdowsi**

Abû-l-Qâssim Ferdowsi est un écrivain persan du X$^{e}$ siècle, il a écrit la plus grande épopée en langue persane intitulée Châh Nâmâ. Il est né dans le village de Baji à coté de la ville de Tus vers 934. Ferdowsi est né dans une famille de dihkan (propriétaire terrien).

Sa vie à partir de vingt-cinq ans et durant quarante années, fut consacrée à l'écriture de l'épopée nationale iranienne, pour laquelle il n'obtint de son vivant que peu de reconnaissance même, si elle était destinée à devenir l'un des textes les plus importants de la littérature persane.

Le contexte politique de cette époque est pour le moins troublé: dès le IX$^{e}$ siècle le pouvoir du calife abbasside est remis en cause, et la dynastie Samanides prend le pouvoir en Iran. Depuis leur capitale de Boukhara, les dirigeants de cette dynastie patronnent une importante activité intellectuelle, protégeant les poètes Roudaki et Daqiqi, l'historien Bal'ami ou encore les philosophes Rhares et Avicenne.

**1** **Ferdowsi est un écrivain persan ... .**

**A)** du VIII$^{e}$ siècle
**B)** du X$^{e}$ siècle
**C)** du XII$^{e}$ siècle
**D)** du IX$^{e}$ siècle

**2** **Ferdowsi est originaire ... .**

**A)** de l'Ind
**B)** de la ville Tus
**C)** de Boukhara
**D)** de Samarkande

**3** **Châh Nâmâ a été écrit pendant ... .**

**A)** quarante ans
**B)** quarante-cinq ans
**C)** vingt ans
**D)** vingt-cinq ans

**4** **Le père de Ferdowsi était ... .**

**A)** dihkans.
**B)** écrivain
**C)** ouvrier
**D)** poète

**5** **La dynastie Samanides prend le pouvoir en Iran en ... .**

**A)** XII$^{e}$ siècle
**B)** on ne sait pas
**C)** IX$^{e}$ siècle
**D)** X$^{e}$ siècle

**6** **La capitale de la dynastie Samanides était ... .**

A) Baji
B) Boukhara
C) Samarkande
D) Tus

**7** **Abû-l-Qâssim Ferdowsi est ... .**

A) écrivain
B) poète
C) philosophe
D) historien

**8** **De qui s’agit-il dans ce texte?**

A) De Ferdowsi
B) De Daqiqi
C) D’ Avicenne
D) De Roudaki

**Lisez le texte et choisissez une bonne réponse 9-16.**

**Les gens ne dorment pas assez**

Particulièrement dans les __**9**__ villes, les gens dorment moins, et cela exerce une grande influence sur __**10**__ santé physique et mental.

La pandémie COVID-19 a obligé les gens à __**11**__ moins, et la qualité de leur sommeil était plus__**12**__. La raison était le stress. Beaucoup __**13**__ gens ne pouvaient pas faire les choses, qu'ils __**14**__ habituellement, ainsi, ils se levaient et s’endormaient aux moments __**15**__. Ce n'était pas __**16**__, parce qu'ils avaient besoin des routines dans leurs vies.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **9** | A) grands | B) grande | C) grandes | D) grand |
| **10** | A) son | B) leur | C) leurs | D) ses |
| **11** | A) dors | B) dort | C) dormir | D) dorment |
| **12** | A) mauve | B) mauvaises | C) mauvaise | D) mauvais |
| **13** | A) de | B) à | C) Sur | D) en |
| **14** | A) faisaient | B) faisions | C) faisait | D) faisais |
| **15** | A) différentes | B) différents | C) différent | D) différente |
| **16** | A) bons | B) bonne | C) bonnes | D) bon |

**17** **Dimanche prochain Saodat et sa sœur ... chez leurs grands-parents.**

A) ira
B) iront
C) irons
D) iras

**18** **Nous ... avons attendu dans la cour.**

A) lui
B) ses
C) leur
D) les

**19** **Cette rue n'était pas très ... .**

A) longs
B) long
C) longue
D) longues

**20** **La bibliothèque se trouve ... la place Somoni.**

A) sous
B) en
C) sur
D) dans

**21** **Associez les éléments de deux colonnes.**

| | |
|---|---|
| **A)** Mouton | **1)** un des animaux domestiques. |
| **B)** Loup | **2)** un des animaux sauvages. |
| **C)** Coq | **3)** un des oiseaux domestiques. |
| **D)** Corbeau | **4)** un des oiseaux de proie. |
| | **5)** un des poissons de mer. |

**22** **Associez les éléments de deux colonnes.**

| | |
|---|---|
| **A)** Chaque dimanche nous | **1)** allaient au cinéma. |
| **B)** Chaque soir ils | **2)** alliez au concert. |
| **C)** Chaque matin je | **3)** me levais à six heures. |
| **D)** Chaque jour il | **4)** allions chez nos parents. |
| | **5)** allait au travail. |

**23** **Associez les éléments de deux colonnes.**

| | |
|---|---|
| **A)** Salut Zébo ! | **1)** Salut Nigora! |
| **B)** Pour qui ? | **2)** Au revoir. |
| **C)** Où vas-tu ? | **3)** Je vais au magasin. |
| **D)** Que veux-tu acheter ? | **4)** Je veux acheter des cadeaux. |
| | **5)** Pour mes cousines. |

**24** **Associez les éléments de deux colonnes.**

| | |
|---|---|
| **A)** Comment est la nuit ? | **1)** Elle est sombre. |
| **B)** Comment vont tes affaires ? | **2)** Il va bien. |
| **C)** Comment va-t-il ? | **3)** Elle est jaune. |
| **D)** Comment est le ciel ? | **4)** Elles vont bien. |
| | **5)** Il est bleu. |

**25** **Associez les antonymes de deux colonnes.**

| | |
|---|---|
| **A)** claire | **1)** court |
| **B)** blanc | **2)** noir |
| **C)** long | **3)** haut |
| **D)** étroit | **4)** large |
| | **5)** sombre |

**إِقْرَأْ النَّصَّ وَ اخْتَرِ الْجَوابَ الصَّحِيحَ 1-8.**

**الزَّمَنُ**

يَدُقُّ الْمُنَبِّهُ السّاعَةَ السّادِسَةَ صَباحاً. أَسْتَيْقِظُ مِن نَوْمِى وَ أَغْسِلُ يَدَيَّ وَ وَجْهِى. يَدُقُّ بائِعُ اللَّبَنِ جَرَسَ الْبابِ, فِى السّاعَةِ السّابِعَةِ إِلّا رُبْعاً أَتَناوَلُ طَعامَ الْفُطُورِ. فِى السّاعَةِ السّابِعَةِ وَ الثُّلْثِ تَماماً أَخْرُجُ إِلىَ عَمَلِي. أَجْلِسُ وَراءَ مَكْتَبِى وَ أَعْمَلُ. أَنْظُرُ إِلىَ ساعَةِ الْحائِطِ:

السّاعَةُ الْآنَ الْواحِدَةُ بَعْدَ الظُّهْرِ– الْواحِدَةُ وَ خَمْسُ دَقائِقَ– الْواحِدَةُ وَ عَشَرُ دَقائِقَ– الْواحِدَةُ وَ الرُّبْعُ– الْواحِدَةُ وَ الثُّلْثُ– الْواحِدَةُ وَ خَمْسٌ وَ عِشْرُونَ دَقِيقَةً– الْواحِدَةُ وَ النِّصْفُ– الْواحِدَةُ وَ خَمْسٌ وَ ثَلاثُونَ دَقِيقَةً– الثّانِيَّةُ إِلّا ثُلْثاً– الثّانِيَّةُ إِلّا رُبُعاً– الثّانِيَّةُ إِلّا عَشْرَ دَقائِقَ– الثّانِيَّةُ إِلّا خَمْسَ دَقائِقَ– الثّانِيَّةُ تَماماً. حان مَوْعِدُ الْعَوْدَةِ إِلىَ بَيْتِى, أَرْكَبُ الْحافِلَةَ, أَصِلُ إِلىَ بَيْتِى السّاعَةَ الثّالِثَةَ عَصْراً, أَتَناوَلُ طَعامَ الْغَداءِ ثُمَّ أَنامُ, وَ أَصْحو فِى الْمَغْرِبِ وَ أُشاهِدُ التِّليفزيُون, أَتَناوَلُ طَعامَ الْعِشاءِ وَ بَعْدَ ذلِكَ أَنامُ.

وَ يَدُقُّ الْمُنَبِّهُ السّاعَةَ السّادِسَةَ صَباحاً فَأَسْتَيْقَظُ مِنْ نَوْمِى. هَكذا تَمُرُّ الْأَيامُ: الْإِثْنَيْنُ وَ الثُّلاثَاءُ وَ الْأَرْبِعاءُ, الْخَمِيسُ, وَ الْجُمْعَةُ, وَ السَّبْتُ وَ الْأَحَدُ وَ تَمُرُّ اللَّيالِى وَ تَمُرُّ الْأَسابِيعُ. وَ تَمُرُّ الشُّهُورُ: يَنايِرُ, فِبْرايِرُ وَ مارِسُ وَ إِبْرِيلُ وَ مايُو وَ يُونيَةُ وَ يُولِيةُ وَ أَغُسْطُسُ وَ سِبْتَمْبِر وَ أُكْتُوبر وَ نُوفَمْبر وَ دِيسَمْبَر, وَ تَمُرُّ الْفُصُولُ: الرَّبِيعُ وَ الصَّيْفُ وَ الْخَرِيفُ وَ الشِّتاءُ وَ تَمُرُّ السَّنَواتُ...

---

**1** **مَتى يَدُقُّ الْمُنَبِّهُ فِى الصَّباحِ؟**

A) فِى السّاعَةِ الْخامِسَةِ صَباحاً

B) فِى السّاعَةِ السّادِسَةِ صَباحاً

C) فِى السّاعَةِ السّابِعَةِ صَباحاً

D) فِى السّاعَةِ السّابِعَةِ إِلا رُبْعاً

---

**2** **ماذا تَفْعَلُ بَعْدَ الْإِسْتيقاظِ مِنْ نَوْمِكَ؟**

A) أَزُورُ أَقارِبِي

B) أَغْسِلُ يَدَيَّ وَ وَجْهِي

C) أَذْهَبُ إِلَى الْعَمَلِ

D) أَتَناوَلُ طَعامَ الْفُطورِ

**3** **مَتى تَتَناوَلُ طَعامَ الْفُطورِ؟**

A) فِی السّاعَةِ السّابِعَةِ إِلا الرُّبْعِ

B) فِی السّاعَةِ السّابِعَةِ وَ الثُّلْثِ

C) فِی السّاعَةِ السّابِعَةِ وَ الرُّبْعِ

D) فِی السّاعَةِ السّادِسَةِ صَباحاً

**4** **مَتى تَخْرُجُ إِلَى الْعَمَلِ؟**

A) فِی السّاعَةِ السّابِعَةِ وَ الثُّلْثِ

B) فِی السّاعَةِ السّادِسَةِ صَباحاً

C) فِی السّاعَةِ السّابِعَةِ وَ الرُّبْعِ

D) فِی السّاعَةِ الْواحِدَةِ ظُهْراً

**5** **مَتى تَعُودُ إِلى بَيْتِكَ؟**

A) فِی السّاعَةِ الْواحِدَةِ بَعْدَ الظُّهْرِ

B) فِی السّاعَةِ الثّالِثَةِ وَ الرُّبْعِ

C) فِی السّاعَةِ الثّانِيَةِ إِلا الرُّبْعِ

D) فِی السّاعَةِ الثّانِيَةِ تَماماً

**6** **بِمَ تَكُونُ مَشْغُولاً فِی مَكْتَبِكَ؟**

A) أَقْرَأُ الصُّحُفَ

B) أُشاهِدُ جِهازَ تِلْفِزْيُونَ

C) أَكُونُ مَشْغُولاً بِأَعْمالِی

D) الْعَبُ بِالشَّطْرَنْجِ

**7** **كَيْفَ تَرْجِعُ إِلىَ الْبَيْتِ؟**

A) بِالْحافِلَةِ

B) بِالتِّرامِ

C) بِالْقِطار

D) ماشِياً

**8** **عَمَّ يَتَحَدَّثُ فِى النَّصِّ؟**

A) عَنِ الْحياةِ الْيَوْمِيَةِ

B) عَنْ تَحْدِيدِ التَّوْقِيتِ

C) عَنْ تَجْمِيلِ الْمَدِينَةِ

D) عَنْ مَوْسِمِ الْحَصادِ

**إِقْرَأْ النَّصَّ وَ اخْتَرِ الْجَوابَ الصَّحِيح 9-16.**

## مُصاحَبَةُ الأَشْرارِ (٢)

__**9**__الْفَلَّاحُ الْبَبْغاءَ مَطْرُوحَةً __**10**__الأَرْضِ مَكْسُورَةَ الرِّجْلِ __**11**__ذلكَ لِأَنَّهُ ما كانَ يَعْلَمُ بِوُجُودِها مَعَ الْغِرْبان. ثُمَّ قالَ لَها إِنَّ ذلِكَ ما حَصَلَ لَكِ إِلَّا مِنْ مُصاحِبَةِ الأَشْرار. وَ بَعْدَ ذلِكَ __**12**__إِلَي الْبَيْتِ عَلي تِلكَ الْحالِ. فَلَمَّا رَأي أَولادُ __**13**__الْبَبْغاءَ أَسِفُوا عَلَيْها كَثِيراً وَ سَأَلُوا __**14**__عَنْ سَبَبِ ماحَصَلَ لها. فَأَجابَ أَبُوهُمْ أَنَّ مُصاحِبَةَ الغِرْبانِ الأَشْرارِ هِيَ __**15**__أَوْقَعَتْها فِي هَذِهِ الْمُصِيبَةِ. __**16**__إِنَّ الْبَبْغاءِ شُفِيَتْ بَعْدَ ذلِكَ مِنْ مَرَضِها وَ صارَتْ تَقُولُ دائِماً لِأَوْلادِ الْفَلَّاح "لا تُصاحِبُو الأَشْرارَ. لا تُصاحِبُو الأَشْرارَ "

| | A | B | C | D |
|---|---|---|---|---|
| 9 | A) رَأتْ | B) رَأتُ | C) رَأيَ | D) رَأيْنا |
| 10 | A) مِن | B) عَلَي | C) ألي | D) إلي |
| 11 | A) اسْتَغْرَبا | B) اسْتَغْرَبَتْ | C) اسْتَغْرَبَ | D) آسْتَغْرَبا |
| 12 | A) حَمَلَهُمْ | B) حَمَلَهُ | C) حَمَلَها | D) حَمَلَةَ |
| 13 | A) الْفَلّاحِ | B) الْفَلَّاحَ | C) الْفَلَّاحُ | D) فلاحْ |
| 14 | A) أَباهُمْ | B) أَباها | C) اباهُنَّ | D) اباهُنّآ |
| 15 | A) الذي | B) الَّتِي | C) الذيَ | D) الذينَ |
| 16 | A) إنَّ | B) أَنَّ | C) إنَّهُ | D) ثُمَّ |

**17** **اِخْتَرِ فِعْلَ الْمُضاعَفِ:**

A) كفي

B) دَلَّ

C) أَرادَ

D) إحْمَرَّ

**18** **إِخْتَرِ فِعْلَ المَهْمُوز ؟**

A) كَتَبَ

B) قَرُبَ

C) عَمِلَ

D) أَمِلَ

**19** **إِخْتَرِ الْفِعْلَ الصَّحِيحَ:**

A) رَمي

B) مَرَّ

C) مَدَحَ

D) باعَ

**20** **إِخْتَرْ الْفِعْلَ الْمُعْتَلِّ؟**

A) أَكْرَمَ

B) فَتَحَ

C) قالَ

D) لَبِسَ

**21** **إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

| | |
|---|---|
| A) أَنْتَ | 1) صُمْتَ |
| B) أَنْتُمْ | 2) صُمْتُمْ |
| C) أَنْتِ | 3) صُمْتِ |
| D) أَنْتُنَّ | 4) صُمْتُنَّ |
| | 5) صُمْتُما |

**22** **إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

| | |
|---|---|
| A) لَوْنُ هَذا البَيْضِ | 1) سَوداءُ |
| B) لَوْنُ هَذهِ القَهْوَةُ | 2) أَسْوَدُ |
| C) لَوْنُ هَذا الشَّمّامُ | 3) أَصْفَرُ |
| D) لَونُ هَذا الرُّمّانُ | 4) أَبْيَضُ |
| | 5) أَحْمَرُ |

**23** إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى

A) مَنْ أنْتَ؟
B) مَنْ هُنَّ؟
C) مَنْ أَنْتِ؟
D) مَنْ هُما؟

1) كاتِبٌ
2) كاتِبُونَ
3) كاتِبَةٌ
4) كاتِبانِ
5) كاتِباتٌ

**24** إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى

A) وَعَدَ
B) مَدَّ
C) أمِلَ
D) بَسَمَ

1) ألفِعْلُ الْمُعْتَلُ
2) الْفِعْلُ الْمَهْمُوزُ
3) الْفِعْلُ الْجامِدُ
4) الْفِعْلُ الْمُضاعَفُ
5) ألفِعْلُ الصَحِيحُ

**25** إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى

A) الْحَقلُ
B) الْحُقولُ
C) الْحَقْلانِ
D) الْحَقْلَيْنِ

1) الْكَبيرانِ
2) الْكَبيرَة
3) الْكَبيراتُ
4) الْكَبيرَيْنِ
5) الْكَبيرُ